

# Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Исломии Рушд дар соҳаи нақлиёт

Бонки Исломии Рушд яке аз муҳимтарин шарикони доимии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои рушди иқтисодиёти кишвари мо тавассути дастгирии молиявии соҳаҳои гуногун, саҳми арзандаи хешро гузошта истодааст.

Лозим ба қайд аст, ки ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт бо Бонки Исломии Рушд ҳанӯз охирҳои соли 90-уми асри гузашта, ки ба давраи дуюми рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти миллӣ рост меояд, оғоз ёфта то ба кунун идома дорад ва ин ҳамкорӣ асосан дар самти маблағгузории лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми маблағҳои сармоявии ҷудонамудаи Бонки Исломии Рушд барои рушди соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 71 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Асосан, тамоми сармоягузориҳои Бонки Исломии Рушд барои беҳтар намудани ҳолати коридори байналмилалии нақлиётии «Роҳҳои автомобилгарди Осиё-66 (АН-66)», ки қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур мекунад, равона карда шудаанд.

Дар ин маврид, дар қисмати поён маълумоти мухтасар доир ба лоиҳаи сохтмони шоҳроҳи Душанбе-ағбаи Қулма дар қитъаи Мурғоб-ағбаи Қулма, қитъаи Шоҳон-Зиғар (марҳилаҳои 1, 2, ва 3) ва қитъаи Шӯрообод-Шоҳон, ки дар масири ин коридори байналмилалии нақлиётӣ ҷойгир шудаанд, оварда мешавад.

Лоиҳаи сохтмони шоҳроҳи Душанбе-ағбаи Қулма дар қитъаи Мурғоб-ағбаи Қулма аввалин лоиҳаи заминагузоранда дар таърихи ҳамкориҳои минбаъда байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Исломии Рушд дар соҳаи нақлиёт мебошад.







Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2000-ум бо маблағгузории ҳиссавии Бонки Исломии Рушд дар ҳаҷми 9 725,000 доллари ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 4 255,000 доллари ИМА, ки дар маҷмӯъ 13 980,000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, оғоз ёфт.

Корҳои сохтмонии роҳи лоиҳавӣ соли 2002 бо дарозии тақрибии 33 км ва 4-ум категорияи техникӣ ба анҷом расида, то ба имрӯз мавриди истифодаи васеи интиқолдиҳандагони ватанӣ ва хориҷӣ, қарор дорад.








Соли 2003 бо ҷалби Бонки Исломии Рушд сохтмони марҳилаи аввали қитъаи Шоҳон-Зиғар дар роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб бо дарозии 5,5 км ва маблағи умумии 11 400,000 доллари ИМА оғоз ёфта, соли 2005 ба анҷом расонида шуд, ки саҳми молиявии Бонк 9 100,000 доллари ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 300,000 доллари ИМА мебошад.









Марҳилаи дуюми қитъаи Шоҳон-Зиғар бо дарозии 9,75 км, низ бо маблағгузории ҳиссавии Бонки Исломии Рушд дар ҳаҷми 13 770,000 доллари ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 2 130,000 доллари ИМА, ки дар маҷмӯъ 15 900,000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, соли 2007-ум оғоз ёфта, соли 2010 ба анҷом расонида шуд.









Имрӯзҳо бо ҷалби Бонки Исломии Рушд марҳилаи сеюми қитъаи Шоҳон-Зиғар бо дарозии 18,75 км ва арзиши умумии 21 907,000 доллари ИМА, ки дар он ҳиссаи Бонк 18 572,000 доллари ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 335,000 доллари ИМА мебошад, аз соли 2011-ум то инҷониб идома дошта, тибқи нақша дар соли 2013 ба анҷом хоҳад расид.



Ҳамзамон, Бонки Исломии Рушд бо ҳиссаи моливии хеш дар ҳаҷми 20 000,000 доллари ИМА дар баробари иштироки дигар фондҳои исломӣ, ба монанди Фонди Қувейтии Рушди Иқтисодии Араб, Фонди ОПЕК, Фонди Абу Дабӣ, Фонди Рушди Саудӣ, дар маблағгузории сохтмони қитъаи 40 километраи Шӯрообод-Шоҳони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумби шоҳроҳи Душанбе-ағбаи Қулма бо арзиши умумии 92 900,000 доллари ИМА, ки татбиқи он соли 2012 оғоз гардидааст, саҳмгузор мебошад.







